**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Норова Зарина Исломовна дар мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Аз замонҳои қадим халқ дар эҷодиёти даҳонакии худ фикру зикр ва муносибаташонро ба ҳодисаҳои зиндагӣ, воқеаҳои таърихӣ ифода намудаанд, меҳнату роҳати худро дар шакли бадӣ ва тавассути образҳои бадеӣ ситоиш мекардаанд. Эҷодиёти даҳонакии халқ аз ҷаҳонбинӣ, орзую омол, мубориза ва расму оини ниёгону аҷдодон дарак медиҳад. Дар эҷодиёти даҳонакии халқ забон яке аз унсурхои асоси буда, ба воситаи он ғояхо, мавзуъҳо ва матлабҳои асари халқи ифода мeёбанд. Эҷодиёти даҳонакии халқ хусусияти миллӣ ва байналмилалӣ дорад. Эҷодиёти шифоҳии мардум гаҳвораи адабиёти атфол аст. Он ба адабиёти хаттӣ аз замонҳои хеле дури бостонӣ ба сифати хазинаҳои дурдонаҳои бикри каломи бадеъ хидмат карда омадааст. Аз ҳамин ҷиҳат ибтидои санъати сухан аз фолклор аст. Осори шифоҳии халқ дорои аҳамияти бузурги тарбиявӣ, ахлоқӣ буда, фаҳмиш ва тасаввуроти кӯдаконро дар бораи Ватан, табиат, ҳаёт ва зиндагӣ бой мегардонад.

Маҳз, ҳамин бартарии эҷодиёти даҳонакии халқро ба назар гирифта, унвонҷу Норова Зарина Исломовна мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ»-ро ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст.

Асоси методологӣ ва илмӣ-назариявии таҳқиқот мантиқан ва мувофиқи талаботи оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мавҷудбуда ба шакл даровaрда шуда, пояи илмии таҳқиқот, татбиқи амалии он, методҳои таҳқиқот, анҷоми ҳар як давраи таҳқиқот давоми мантиқии якдигар буда, ба талаботҳои қабулшуда нисбат ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ, таҳқиқотҳои сершумори анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ ва озмоишҳои тӯлонӣ дар оила ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ унвонҷу ба хулоса омадааст, ки дар тарбияи малакаи ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол эҷодиёти шифоҳии халқ яке аз нақшҳои калидиро мебозанд, ки сарчашмаҳои он дар андешаҳои мардум, инъикос ёфтаанд.

Инчунин унвонҷу дар натиҷаи ковишҳои илмӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки роҳҳои дарёфти имкониятҳои ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоиро тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ дар ҷараёни таълим ва корҳои беруназсинфӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок намояд. Муҳаққиқ бо дарки дурусти масъалаи таҳқиқшаванда иброз менамояд, ки аз нигоҳи наву муосир баррасӣ намудани мақому ҷойгоҳи жанри фолклор дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол, ошкор намудани заминаҳои дохилию берунии рушди фолклор ва саҳму нақши он дар такомули ҷаҳонфаҳмӣ, инкишофи тафаккур ва хаёли кӯдакон нақши муассир мегузорад. Инчунин омӯзиши амиқи масъалаи таҳқиқшаванда унвонҷуро ба хулоса овардааст, ки муносибати эҷодкорона ба тарбияи хонандагон дар заминаи эҷодиёти шифоҳи халқ, истифодаи муҳити созгори оила, раванди таълим, ки самаранокии тарбияи хонандагонро дар инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ таъмин менамояд, аз муассиртарин масоили ташаккули ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол ба шумор меравад.

Мо бо нуқтаи назари унвонҷу дар он хусус мувофиқем, ки ӯ аз ҷониби омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ донистани на танҳо ҷузъҳои таркибии тарбия, балки бо фаъолияти пурсамари хеш тавонанд, ки бунёди пойдевори ҷаҳонфаҳмӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоиро гузоранд.

Бо таъкиди унвонҷу муҳити атроф ва оила омилҳое мебошанд, ки ки натанҳо барои тафаккури хонандагон таъсир мерасонанд, балки нуфузи онҳо дар ташаккули умумии шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ низ аз аҳамият холӣ нестанд.

Бо такя ба ақидаи унвонҷу метавон гуфт, ки истифодаи дурусту оқилонаи эҷодиёти шифоҳии халқ дар ҷараёни дарс, корҳои беруназдсинфӣ ва муҳити хонавода ба ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол таъсир муассир расонида, ба ҳҳодисаҳои мусбати ҳаёт тавақҷуҳи онҳоро бедор ва ба ҳаёту зиндагӣ онҳоро дилгарм менамояд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ Норова Зарина Исломовна дар мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ», ба он далолат мекунад, ки истифодаи эҷодиёти шифоҳии халқ иҳати ташаккул додани дониш, маҳорат ва малакаи дар мактаббачагони хурдсол воқеан масъалаи мубрам буда, ҳануз ҳамаи паҳлуҳои он бозкушоӣ карда нашудааст.

Таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, муаллифи он Норова Зарина Исломовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи забони русии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон — Наврузова Гулшан Турсуновна

*"Имзои Г.Т. Наврӯзоваро тасдиқ мекунам"*
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирҷамолов М.А.

25.11.2024с.

Маълумот барои тамос: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14, Тел: +992900900978 E-mail:navruzova72@mail.ru